В. мол

**ФАРМОНИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**УКАЗ**
**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Дар бораи ғайримахфӣ гардонидани маълумот оид ба истеҳсол, содирот ва воридоти металҳо ва сангҳои қиматноке, ки ба солҳои 2015-2016 тааллуқ дорад

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» фармон медиҳам:

1. Бо мақсади мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ омода намудани ҳисоботи миллии Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳри махфӣ аз маълумот оид ба истеҳсол, содирот ва воридоти металҳо ва сангҳои қиматноке, ки ба солҳои 2015-2016 тааллуқ дорад, бардошта шавад, инчунин барои дарҷ намудани ин маълумот дар ҳисоботи мазкур бо ифодаи аслӣ ва арзиши пулӣ иҷозат дода шавад.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотро оид ба соҳаҳои худ тибқи банди 1 фармони мазкур ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.
3. Назорати иҷрои фармони мазкур ба зиммаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш.Душанбе
17 марти соли 2018
№ 1040

**ФАРМОНИ**
**ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**УКАЗ**
**ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

О рассекречивании данных по производству, экспорту и импорту драгоценных металлов и камней, относящихся к 2015-2016 годам

В соответствии со статьей 6 Закона Республики Таджикистан «О государственном секрете» постановляю:

1. В целях подготовки национального отчета по Инициативе прозрачности добывающих отраслей Республики Таджикистан в соответствии с международными стандартами, снять гриф секретности с данных по производству, экспорту и импорту драгоценных металлов и камней, относящихся к 2015-2016 годам, а также разрешить указать эти данные в вышеуказанном отчете в натуральной форме и денежном выражении.
2. Агентству по статистике при Президенте Республики Таджикистан, Министерству промышленности и новых технологий Республики Таджикистан, Таможенной службе при Правительстве Республики Таджикистан, Главному управлению геологии при Правительстве Республики Таджикистан представить данные по своим отраслям в соответствии с пунктом 1 данного указа в Министерство финансов Республики Таджикистан.
3. Контроль над исполнением данного указа возложить на Министерство финансов Республики Таджикистан.

Президент Республики Таджикистан — Эмомали Рахмон

г.Душанбе
17 марта 2018 года
№ 1040

ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ — РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ
ВАЗОРАТИ МОЛИЯ № ф-23 «29 03» 2018 ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН